| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ” | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ” |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Маркази милии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар муносибатҳо вобаста ба дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ, иштирок менамоянд. |
| 4 | Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 02.09.2023 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2023 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 2 май то 2 июни соли 2023 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |

| | | |
|---|---|---|
| | онҳо | |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Дар қисми 1 моддаи 55 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 1999 муқаррори оид ба аз ҷониби Ҳукумат муайян намудани тартиби ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), ба реквизитҳои аснод ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ дохил кардани чунин ном ё унсурҳои рамзи давлатӣ пешбинӣ шуда буд, вале то ҳол ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаи мазкур қабул нашудааст. Аз ин рӯ, дар амал бисёр баҳсу масъалаҳо вобаста ба ба номи шахси ҳуқуқӣ ворид намудани номи давлат, яъне “Ҷумҳурии Тоҷикисто” ё “Тоҷикистон”, тартиби гирифтани иҷозат ба он, хусусиятҳои истифодаи номи давлат дар номи шахси ҳуқуқӣ, мавҷуд мебошанд, ки бояд дар асоси санади меъёрии ҳуқуқии мушаххас ҳали худро ёбанд. Ҳамзамон, санаи 24 декабри соли 2022, №1918 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо номи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад, муқарраротро оид ба аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайн намудани тартиби ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ, пешбинӣ менамояд. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳал намудани баҳсҳо дар самти в ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмии давлат қабули санади меъёрии ҳуқуқии мазкур зарур аст, зеро шахси ҳуқуқие, ки аз номи давлат баромад мекунад симо ва обруи давлатро муаррифӣ мекунад. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Лоиҳаи Тартиби мазкур дар асоси қисми 2 моддаи 55 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 таҳия гардида, тартиби истифодаи номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), яъне “Ҷумҳурии Тоҷикистон” ё “Тоҷикистон”, инчунин |

| | | |
|---|---|---|
| | | ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқиро танзим менамояд. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи мазкур аз 3 боб ва 14 банд иборат буда, ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқиро танзим менамояд.<br>Лоиҳа бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва таҷрибаи љумњурї доир ба ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.<br>Дар лоиҳа чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>- муайян намудани талабот ҷиҳати ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ;<br>- пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани хулосаи мақоми ваколатдор;<br>- гирифтани розигӣ ҷиҳати ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ;<br>- муайян намудани муҳлатҳо оид ба пешниҳоди ариза, хулоса ва гирифтани розигӣ. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳа дар маҷмӯъ барои ба танзим даровардан ва мукаммал намудани муносибатҳои соҳаи мазкур равона гардидааст.<br>Аз ҷониби таҳиякунанда чунин чораҳо (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) андешида шудаанд:<br>• фаҳмондадиҳӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, |

| | | |
|---|---|---|
| | | • ки дар муносибатҳои зикргардида иштирок менамоянд;<br>• ташкили мизи мудаввар иштироки соҳибкорон ва ихтироъкорон. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Лоиҳаи қарори мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>• сатҳи хизматрасониҳо вобаста ба гирифтани ҳуҷҷати дахлдор, расмиёти бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ беҳтар мегардад;<br>• барои баланд бардоштани ному ва нуфузи давлат, маҳсулоти ватанӣ мусоидат менамояд.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>• дар натиҷаи ҳифзи ҳуқуқ ва хавасмангардонии соҳибкорон ва ихтироъкорон бахши иқтисодӣ ва саноатии кишвар рушд меёбад;<br>• истеҳсол ва содироти технологияҳои муосир зиёд мегардад;<br>• истеҳсолоти ватанӣ рушд меёбад ва маҳсулоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон муаррифӣ мегардад.<br>Бо қабул гардидани лоиҳаи пешниҳодшуда тартиб ва расмиёти ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ дақиқ муайян гардида, он ба татбиқи дуруст ва яксони муқаррароти қонунгузории амалкунанда мусоидат хоҳад намуд. Бидуни қабули чунин санади меъёрии ҳуқуқи ҳал намудани мушкилиҳои ҷойдошта, инчунин танзими масъалаи мазкур ғайриимкон мебошад. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва давлат ҳифз ва ҳимоя мегарданд. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор | 1 сентябри соли 2023 |

| | | |
|---|---|---|
| | додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | |

Муовини якуми
Директор

Соҳибзода М.М.